# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи "Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи доктории Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи "Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ", ки дар замони муосир яке аз масъалаҳои хеле мубрам ба ҳисоб рафта омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҷзияи ҳокимият масъалаи муҳим мебошад. Раванди қонунгузорӣ ва муайян намудани нақши Маҷлиси Олӣ дар эъмори давлати ҳуқуқбунёд, инчунин бозгӯии мавқеи он дар низоми ҳокимияти давлатӣ аз қабили ин масъалаҳост, ки дар самти қонунгузорӣ назар ба дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ фарқ дошта, дорои хусусияти хос буда, тавсифи моҳият ва хусусияти он муҳим мебошад.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорӣ кишвар, ба ҳисоб рафта баҳри амалисозии раванди қонунгузории парлумони кишвар, рушди қонунгузорӣ ва қабули қонунҳо, ки дар навбати худ мутобиқи онҳо низоми давлатдорӣ ба танзим даровардa мешавад фаъолияти пурсамарро ба анҷом мерасонад.

Раванди қонунгузорӣ дар фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дошта, давраҳои нисбатан мукаммалро ташкил дода, ҳадаф ва хусусиятҳои хоси худро дошта, таснифот ва баррасии он таҳқиқоти мукаммалро тақозо мекунад.

Раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраҳои пай дар пай иборат буда, маҳз, ҳамин пайдарпайи ба тариқи мукаммал қабули намудани қонун аз тарафи Маҷлиси намояндагон, ҷонибдории қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ, ба имзорасонӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба қувваи амал даромадани қонунҳоро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз раванди қонунгузории парлумони кишвар аз ҷиҳати илми назариявӣ ва соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи парлумонӣ омузиш ва таҳқиқоти ҷиддиро талаб менамояд. Дар таҳқиқоти диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки ҳамчун навгонии илмӣ ҳисоб мешаванд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи парлумониро дар Тоҷикистон такмил дода, барои рушди он мусоидат менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қонунҳо дар асоси принсипҳои ба худ хос дар ду палата баррасӣ шуда дар Маҷлиси намояндагон қабул ва дар Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ мешаванд. Ҳар як палата раванди қонунгузории худро дорад. Раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон давраҳои зиёдро дар бар мегирад. Чунки доимо амалкунанда ва касбӣ мебошад. Дар қабули қонунҳо ду ҷиҳати намояндагии аъзои парлумон дида мешавад. Якум, Маҷлиси намояндагон, намояндаи тамоми халқи ҶТ буда дар муҳокима ва қабули қонун иштирок мекунад ва Маҷлиси миллӣ бошад, ҳамчун намояндагии манфиатҳои минтақавӣ дар ҷонибдории қонун саҳми арзанда дорад.

Дар марҳилаи муосир Маҷлиси намояндагон бо иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, дастаҷамъона, бо баргузор гардидани муҳокимаҳои парлумонӣ, соатҳои изҳоротӣ, бо иброз намудани фикру ақидаҳо қонунҳоро муҳокима ва қабул мекунанд.

Боиси қайд аст, ки раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ ба таври мубоҳисавӣ ва ошкоро сурат гирифта, бо овоздиҳии пинҳонӣ оиди масъалаҳои муҳим қонун қабул мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ нақши кумитаҳои палатаҳои парлумон хеле калон аст. Чунки қонун дар кумитаҳои соҳавӣ ҳамаҷониба баррасӣ шуда муҳокима мешавад, доир ба лоиҳаи қонун хулосаи кумита дода мешавад. Ва дар асоси ин хулоса қабули қонун дар ҷаласаи навбатии палатаи поёнӣ дар қироати якум ва ё дуюм қабул мешавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Якубова С.Н. ба хулоса омадан мумкин аст, он дар ҳамфаъолиятии Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ барои ояндаи халқи тоҷик ва рушди қонунгузории миллии кишвар, ки масъалаҳои муосири ҷомеаро дар шакли қонун қабул мекунанд мавриди омузиш қарор дода, пешниҳод ва тавсияҳои муҳими илман асоснокро иброз намудааст. Гуфтаҳои дар болозикр шуда аз он шаҳодат медиҳад, ки мукаммал намудани қонунгузории миллии ҷумҳурӣ босубот ба роҳ монда шуда, паҳлуҳои омузиши назариявӣ ва амалии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ саривақти будани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷуйро собит месозад.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар амалияи такмили қонунгузорӣ ва такмили низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон мусоидат намояд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан ба маврид аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти№ 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар зиёда аз 25 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Якубова С.Н. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Якубова С.Н. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи "Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

**Ализода Зариф** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ.

**Эльназаров Давлатшо Хоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Раҳмон Дилшод Сафарбек** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кулоб” ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия - Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Шарофзода Р.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои хуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

15.03.2024

Шарофзода Р., Мирзамонзода Х.М. ва Азиззода У.

имзои подпись
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э.Ш. (имзо-подпись)